*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**

*ба автореферати Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)*

Муаммои баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои муҳими рушди низоми молиявӣ ва устувории иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосири рушди иқтисоди бозорӣ ва рақобати шадид дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, такмили механизмҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳо аҳаммияти махсус касб менамояд. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва доирои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян гардидаанд. Мақсади асосии кори диссертатсионӣ таҳияи асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад муаллиф як қатор вазифаҳои илмиро ҳал намудааст, аз ҷумла хусусиятҳои низоми идоракунии корпоративӣ дар шароити муосир, таҳлили татбиқи идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии кишвар, масъалаҳои методии баҳодиҳии сифати идоракунии корпоративӣ, омилҳои ниҳодии таъмини сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин, таҷрибаи байналмилалии такмили идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили он.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, оморӣ, системавӣ ва усулҳои моделсозӣ истифода бурдааст, ки ба амиқ ва асоснок гардидани натиҷаҳои илмии бадастомада мусоидат намудааст.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро такмил дода, равишҳои муосири арзёбии самаранокии идоракунии корпоративиро пешниҳод намудааст. Ҳамзамон, як қатор пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар фаъолияти амалии бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳо ва санадҳои меъёрии марбут ба рушди низоми бонкӣ истифода шаванд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои марбут ба молия, фаъолияти бонкӣ ва идоракунии корпоративӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Дар баробари дастовардҳои мусбати кор, дар автореферат баъзе нуқтаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд:

1. Дар автореферат масъалаҳои назариявии идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ гардидаанд, вале баъзе ҷанбаҳои муқоисаи таҷрибаи кишварҳои пешрафта бо таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан мухтасар шарҳ дода шудаанд. Мақсаднок мебуд, ки ин қисмат бо таҳлили васеътари таҷрибаи байналмилалӣ ғанӣ гардонида шавад;

Бо вуҷуди ин, камбудиҳои зикршуда характери умумӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Умуман, автореферати диссертатсия дар мавзуи **“Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)”** ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдулхайров Ф.М. сазовори дарёфти дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)** мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в дотсент, мудири шуъбаи таълими
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Султонов А.Н.

Имзои н.и.и., и.в. дотсент А.Н. Султонов -ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — Абдуназаров А.Ҷ.

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қаробоев 63/3,
Телефон: (+992) 37 234 79 87. E-mail: www.tut.tj.

“______” ___________________ 2026